## ТАҚРИЗИ

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи номзадии Зулфониён Раҳим Раҷабзода «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. – 180 с.

Таҳқиқи ҷойномҳои ҳар мавзеи кишварамон барои нишон додани инкишофи забону фарҳанги мардуми минтақа ва ошногардонии фарҳанги онҳо ба сифати сарчашмаи боэътимод муҳим арзёбӣ гардида, дар таърихи ташаккули ҳар халқу миллат далели мавҷудияти забон, урфу одат, касбу кор, таҳаввулот ва ё ташаккулёбии фарҳанги ин ё он мардумро нишон медиҳад, ки он дар илми топонимика (ҷойномшиносӣ) омӯхта мешавад. Ҷойномҳо (топонимҳо) як қисми ҷудоинопазири забоншиносӣ маҳсуб ёфта, дар дарозои таърих инкишофу таҳаввулот, забону фарҳанг ва тафаккури таърихи ҳар як халқро нишон медиҳанд. Онҳо аз ҷониби мардум офарида шуда, на танҳо номи ин ё он мавзеъро ифода мекунанд, балки маълумоти арзишмандро дар бораи релеф, вижагиҳои ҷуғрофӣ ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо маҳфуз медоранд. Тавре маълум аст, Панҷакент маркази водии Зарафшон маҳсуб ёфта, дар гузашта суғдиён, ки гузаштагони тоҷикони минтақаанд, сукунат дошта, забони онҳо дар номгузории ҷойномҳо таъсири худро амиқ гузоштааст. Аз ин рӯ, ин мубрамӣ сабаб шуда, ки бо истифода аз осори назарии соҳаи ҷойномшиносӣ ва маводи топонимии минтақаи Панҷакент ба таҳқиқи вижагиҳои луғавӣ, сохторӣ ва роҳҳои шаклгириву рушди вожагони марбут ба соҳаи ҷойномшиносии минтақаи Панҷакент дар шакли рисолаи илмӣ аз ҷониби Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» омода гардад, ки айни муддаост ва мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти забоншиносӣ, хосатан ба бахши ҷойномшиносии (топонимика) он ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01.–Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Аҳаммияти назарии мавзуи диссертатсияи номзадии Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ин мавзуъ дар ҷойномшиносӣ (топонимика) ягон кори илмӣ ба анҷом нарасида, дар диссертатсияи мазкур умдатарин масоили назарии марбут ба ҷойномҳои минтақа, роҳҳои шаклгирии онҳо, ҷанбаҳои маъноӣ ва калимасозӣ баррасӣ гардиданд ва дахл кардан ба ҷанбаҳои назарии калимаҳои марбут ба ҷойномҳои минтақа аҳаммияти назарии таҳқиқро мустаҳкам намуда, матолиби назарии дар диссертатсия баррасигардида барои таҳқиқи минбаъдаи марбут ба назарияи забони адабӣ ва номшиносии тоҷикӣ чун манбаи назарӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаи ба даст омада ва дастовардаҳоро дар таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои топонимӣ, баргузории курс ва семинари назариявию

амалӣ аз ҷойномшиносии таърихӣ ва тасвирӣ истифода кардан мумкин аст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд.

Барои дарку муайян намудани мафҳуми ҳар як номвожаи ҷуғрофӣ мушаххас намудани маънои калимаю доираи истеъмоли он, муносибати калима бо категорияҳои дигари луғавӣ, обуранги бадеии калима, сайри таърихии он дар марҳилаҳои муайяни таърихи забонҳо аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, дар таҳлили луғавии ин унсурҳои ҷуғрофии минтақаи мавриди баррасӣ қарор гирифта, вожаҳои муайяни маънои луғавидошта мавриди таҳлил қарор ва маънои онҳо ·вобаста ба ифодаи мафҳуми топоними алоҳида муайян гардидааст. Инчунин, кӯшиш карда шудааст, ки ҳар як ҷойном аз нигоҳи луғавӣ дар муқоиса бо забонҳои эронӣ ва корбурд аз гӯйишҳои минтақаи мазкур мавриди пажуҳиш қарор гирифта-анд. Манзури муҳаққиқону донишмандон ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» андешаҳои болоро собит менамояд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст вожагони марбут ба ҷойномҳо, ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории онҳо дар мисоли маводи топонимии минтақаи Панҷакент гирдоварӣ гардида, ҷойгоҳи он дар ғанисозии таркиби луғавии забони адабии тоҷик, омӯзиши роҳҳои ташаккулу таҳаввули овоӣ, луғавӣ-маъноии зиёда аз 600 ҷойноми мавриди таҳқиқ қароргирифта ва мансубияти забонӣ, ҷиҳатҳои сохторӣ, алоқамандии таърихии ҷойномҳои мавриди таҳқиқ бо забонҳои қадима ва муосири шарқӣ-эронӣ, умумият ва тафовути ҷойномҳои мавриди таҳқиқ дар муқоиса бо дигар минтақаҳои кишварамон мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи топонимикаи тоҷикӣ ва вижагиҳои тасвирии он ба забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забони ноби тоҷикӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонидаметавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия12 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақриз-шавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ,

натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» аз муқаддима, 3 боб бо фарогирии 20 фаслу зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, луғати мухтасари ҷойномҳои минтақа, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, 177 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсиямубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи вожагони марбут ба ҷойномҳои минтақаи Панҷакент аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳои минтақаи Панҷакент» ном дошта, аз 14 фасл иборат аст ва дар фасли якум масоили назариявии топонимика, дар фасли дувум ойконимҳо, дар фасли сеюм оронимҳо, дар фасли чорум гидронимҳо бо бахшҳояш, дар фасли панҷум антропонимҳо, дар фасли шашум теонимҳо (ба ин гурӯҳи теонимҳо, номвожаҳои ҷуғрофии вижагии динию мифологӣ ва мазҳабидошта вориданд), дар фасли ҳафтум зоотопонимҳо, ҳаштум фитотопонимҳо, фасли нуҳум некронимҳо (оромгоҳу дахмаҳо, мазорҳо), фасли даҳум номвожаҳои ҷуғрофӣ-омофонҳо (ҳамовоӣ, ки дар талаффуз мувофиқанд, вале дар навишт фарқмекунанд), фасли ёздаҳум номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи хусусияти орзуву омол, фасли дувоздаҳум номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи вижагии ғояҳои замони нав (метонимҳо), фасли сездаҳум номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи рангу аломат ва вижагиҳои ашё ва амсоли инҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола «Дараҷаи омӯзиши микротопнимҳои минтақаи Панҷакент» ном дошта, он аз 2 фасл иборат аст: Фасли якуми боби дуюм «Дараҷаи омӯзиши микротопонимҳои минтақаи Панҷакент» ном дошта, дар ин боб шарҳу хулосаҳои таҳқиқоти топонимияи минтақаи баррасишаванда, ки аз ҷониби олимони ҷойномшиноси хориҷиву ватанӣ анҷом дода шудааст, таҳлил ёфта, ҳамчунин, пурра ва илман таҳқиқ нагардидани ҷойномҳои минтақаи Панҷакент зикр карда мешавад. Дар он сухан дар бораи он меравад, ки топонимикаи бисёр ноҳияҳои Тоҷикистон аллакай як дараҷа, каму беш омӯхта шудаанд, вале бисёр масъалаҳои ҳалношуда, бо сабаби ба таври

системавӣ омӯхта нашудани топонимҳои тоҷикӣ, пеш аз ҳама, этимологияи онҳо мавҷуд мебошанд. Фасли дуюми ин боб «Таҳлили решашиносии баъзе топонимҳои минтақаи Панҷакент» ном дошта, аз 6 зерфасл иборат аст. Дар зерфасли якуми боби дуюм «Этимологияи Панҷекат (Панҷакент)» пайдоишу баромади топоними Панҷекат (Панҷакент) баррасӣ мешавад. Дар ин фасл, бо такя бар асосҳои илмии олимон, аз қабили навиштаҷоти муаррихони Арабу Аҷам (Истахрӣ, Муқаддасӣ, Ибни Ҳавқал ва Яъқубӣ) ва бостоншиносону забоншиносони ватанию хориҷӣ топоними Панҷекат [Panjekat] (//Панҷакент [Panjakent]) аз ҷиҳати решашинохтӣ таҳлилу таҳқиқ меёбад. Ин номвожа бо пасванди суғдии «кат»мафҳуми «панҷшаҳр, панҷдеҳа, панҷбуна»-ро ифода карда, номи аслии он Панҷекат мебошад, ки дар радифи номвожаи шабеҳи он Хушекат, Ахсикат, Пишкат ва ғайраҳо то имрӯз вуҷуд доранд. Ҳамин тавр, дар зерфаслҳои ин боб ҷойномҳои«Саразм», «Ғарибак», «Ғӯсар» аз нигоҳи решашинохтӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия бо унвони «Таҳлили сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» аз 4 фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби мазкур «Масоили омӯзиши сохтори номвожаҳои минтақаи Панҷакент» маълумоти комилан пурраи боэътимод дар бораи омӯзиши масъалаҳои сохтори топонимҳо дар ҳудуди Тоҷикистон, ва махсусан, минтақаи баррасишаванда оварда шудааст, ки дар асоси таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷии номшиносон баррасӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, дар рисолаи мазкур ному номгузории 881 маҳалли аҳолнишин ва объектҳои ҷуғрофӣ ба ҳайси топоним дар ҳудуди минтақаи Панҷакент ҳамчун мавриди таҳлилу омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, аз нигоҳи сохт ба зергурӯҳҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-топоним дастабандӣ гардидааст.

Дар бахши феҳрасти алифбоии топонимҳо ва харитаҳои минтақаи Панҷакент, яъне номи шаҳр, ҷамоатҳои деҳот, деҳаҳо, маҳаллаҳо, мавзеъҳо, чарогоҳҳо, кӯҳҳо, қуллаҳо, пиряххо, дарёҳо, чашмаҳо, пулҳо ва дигар объектҳои ҷуғрофӣ оварда шудааст ва ҷанбаи илмиву амалии рисоларо афзун кардааст.

Хулосаи диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омадаанд. Инчунин, дар бахши тавсияҳо, ки аз 5 банд иборат аст, муҳиммии мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, дар унвони диссертатсия, ки «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» аст, калимаи маъноӣ, ки бо луғавӣ якҷоя омадааст, барзиёд буда, ҳамон маъниро калимаи луғавӣ медиҳад. Қолиби луғавӣ-маъноӣ калкаи лексический-семантический

русӣ буда, дар забони тоҷикӣ онро танҳо бо калимаи луғавӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

2. Дар муқаддимаи диссертатсия ва автореферат, инчунин, дар дохили матн ба ҷойи калимаи таҳқиқ вожаи таҳқиқот, таҳқиқотҳо ва амсоли инҳо корбурд ёфтааст, ки то андозае меъёри нигоришро коҳиш додааст. Зеро таҳқиқ мушаххас ва шакли танҳо буда, таҳқиқот шакли ҷамъ аст ва дар талаботи КОА низ вожаи таҳқиқ пешниҳод гардидааст.

3. Дар рисола ва автореферат корбурди истилоҳи илмии соҳавӣ як сон набуда, дар баъзе ҷо формант (15, 65,...), пасванд (56, 87,...), микротопонимия (21, 34,...), номвожаҳои ҷуғрофӣ (35, 65,..), номҳои маҳаллӣ (77), ҷойномҳо (3, 7...) ва амсоли инҳо ба назар мерасанд. Хуб мешуд, ки дар истифодаи ин истилоҳот унвонҷӯ бештар такя ба гунаи тоҷикиаш мекард.

4.Дар матни диссертатсия ва автореферат ҷо-ҷо ҷумлаҳои аз нигоҳи мантиқ, услуб ва сохт нокомил, носаҳеҳ ба назар мерасанд: Баъдан, номҳои ҷуғрофӣ, ба вижа номи шаҳрҳо мисли забони суғдӣ бо унсури -kant, -kent (-kent савтиёти туркӣ) ба забони туркӣ иқтибос шудааст). [282, 9-15] (77). Унсури -meϑan, -metan (میثن،میتن (дар сохтани номи рустоҳо ва шаҳрҳо ба кор рафта, дар суғдӣ дар шакли – * myϑn (77) Азбаски топонимикаи минтақавӣ дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст, пас, ин таҳқиқот холигии мавҷударо дар таҳқиқоти куллии системаи топонимикии Тоҷикистон пур мекунад (10); Натиҷаҳои конкретии кор метавонадҳангоми мутолиаи курсҳои *махсус* ва семинарҳои махсус, курсҳои таърихи топонимикии Тоҷикистон, этимологияи калимаҳо ва таърихи забони тоҷикӣ истифода бурда шавад.

5. Дар ифодаи баёни матлаб дар баъзе саҳифаҳо муҳаққиқ на чун муаллиф, балки чун муқарриз, яъне шахси сеюм баёни андеша мекунад: Маводи топонимикии ҷамъоваригардидаи минтақаи Панҷакентро диссертант мувофиқи релефи ҷуғрофӣ ва хусусиятҳои табиии он... формантҳои топонимсозро муайян менамояд (с.12). Дар ин боб муаллифи рисола усули муқоисакуниро ба кор бурда, аниқ кардаву ҳаллу фасл менамояд (с.13).Муаллиф дар ин боб, инчунин, бо шарҳу тафсир ва маънои луғавии номвожаҳои Панҷекат//Панҷакент....таваҷҷуҳ карда, онҳоро шарҳу тафсир намудааст (13).

6. Дар феҳристи адабиёт номгӯйи адабиёти ғайрисоҳавӣ ва соли нашраш барвақт ба назар мерасад. Хуб мешуд ба ҷойи онҳо адабиёти соҳавии солҳои истиқлол ва маводи забоншиносии тоҷик оварда мешуд, хуб мебуд. Аз ин рӯ, он такмил мехоҳад.

7. Дар саҳифаҳои 5, 6, 9, 31, 61, 63, 64-и диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, киислоҳи онҳо ҳатмист.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Зулфониён Раҳим Раҷабзода ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъала-ҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илми филология, профессори
кафедраи таърихи забон ва типологияи
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Д. Р.

«13» декабри соли 2023.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Дилкушо, бинои 28/1, ҳуҷраи 7
Тел.: (+992) 907-79-82-65
E-mail: homidov65@mail.ru

Имзои профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ, доктори илмҳои филология Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«14» декабри соли 2023.